**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ,
профессор Насриддинзода Э.С.

____________________________

«_6_»__02____соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо дар мавзуи «Такмили низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

1. **Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст**. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо дар мавзуи «Такмили низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир», ба нуктаҳои зерини шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунанд: 1.1. Равандҳои методологию сохтории ташаккули системаи молиявӣ; 1.3. Назария ва методологияи таъсири системаи молиявӣ дар рушди иқтисодиёт; 2.4. Пешгӯйӣ ва банақшагирии буҷетию андозӣ дар иқтисоди бозорӣ; 2.5. Танзими андоз дар бахшҳои иқтисодиёт; 2.6. Назарияи танзими системаи буҷетию андозӣ; 2.9. Асосҳои назариявӣ, афзалиятҳои сиёсати андозӣ ва самтҳои асосииислоҳоти системаи андозӣ мувофиқат менамояд.

**2.Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ масоили андоз ва андозбандӣ тибқи консепсияҳои қабулшуда ва талаботи давру замон, яъне низоми электронӣ, ба хусус рақамикунонии фаъолиятҳо ба роҳ монда мешавад. Дар ин ҳолат шафофият ва пардохтҳои саривақтии андоз ба буҷаи давлат таъмин карда мешавад. Ҳоло дар ин самт аксари аҳолии кишвар бо дарки маърифати молиявию масъулияти

андозсупорӣ ҳамрадифи иқдомҳои созгори Ҳукумати кишвар мебошанд. Дар ин замина татбиқи Ҳукумати электронӣ раванди андозсупорандагонро ҳам танзим ва ҳам суръат мебахшад.

Рақамикунонии фаъолият барои пардохтҳои саривақтӣ ва бе хароҷотҳои иловагӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ дар тамоми соҳаҳо истифодаи технологияҳои муосир ва татбиқи фановариҳои рақамӣ самараву сифати иҷрои кору амалиётҳоро вусъат мебахшанд.

Ҷамъоварии маблағҳои андоз бо роҳи интенсивӣ, аз ҳисоби тағйири қоидаҳо ва меъёрҳои андозбандӣ, инчунин, низоми идоракунии мақомоти андоз, қабули чораҳои таъсирбахш оид ба низоми маъмурикунонии андоз ва такмили он, пешгирии ҳолатҳои саркашӣ аз супоридани андозҳо амалӣ карда мешавад.

Дар асоси таҳлилу мушоҳидаҳои илмӣ дида мешавад, ки иқтидори андозии гурӯҳҳои алоҳидаи андозсупорандагон ғайри воқеъбинона муайян гардида, маълумотҳо доир ба объектҳои андозбандӣ нопурра ва номукаммал пешниҳод мегарданд, ки дар натиҷа сарбории андозбандӣ барои онҳо зиёд гардида, мушкилоти сари вақт пардохт намудани андозҳо ва афзоиши пинҳон намудани манбаи андозиро ба миён меорад.

Бинобар ин, ба андешаи мо, омӯзиши ҳамаҷонибаи мушкилоти амалигардонии ҳамгироии электронии байни мақомоти андоз ва андозсупорандагону мақомотҳои дигари ҳокимияти давлатӣ зарурати ҳамаҷониба дорад.

Аз ин лиҳоз, такмили низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир дар асоси омӯзиши ҳамаҷонибаи масоили назариявию методӣ, таҳлили нишондиҳандаҳои оморӣ ва тавсияҳои илмию амалӣ вобаста ба такмили низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ҳадафи асоси интихоб гардидааст.

Ҷанбаҳои пардохти андозҳо аз ҷониби муассисаҳои таълимӣ, баҳодиҳӣ, танзим ва такмили он дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро муҳаққиқони

болозикр дар асарҳои илмии худ ба қадри зарурӣ арзёбӣ накардаанд, балки чанде ишораҳо ё ба паҳлуҳои дигари он ки ҳадафи кори асосиашон будааст, дахл кардаанд. Ин ҳам яке аз далелҳои мубрамӣ ва муҳиммияти интихоби мавзуи мавриди назар ҳисобида мешавад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада.**

Ба натиҷаҳои назаррасе, ки навоварии диссертатсияро ташкил медиҳанд, метавон дохил кард:

- нуктаи назари муаллифӣ доир ба мафҳуми андоз ҳамчун категорияи иқтисодию иҷтимоӣ, низоми андоз ва идоракунии танзими он дар соҳаи маориф таҳия гардидааст. Дар таҳқиқот усулҳо ва вазифаҳои асосии ташаккул ва такмили низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро, ки он ба такмили муносибатҳои нави андозӣ, беҳтар намудани сатҳ ва сифати андозсупории муассисаҳои таълимӣ, паст намудани гаронии андоз ва хавфи андозӣ мусоидат менамояд, баррасӣ гардидааст(саҳ.15-42);

- муаллиф пешниҳод намудааст, ки андозбандии соҳаи маориф вобаста ба зинаҳои таҳсилот гурӯҳбандӣ карда шавад, дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун фасли (боби) алоҳида таҳия гардад. Дар аксари кишварҳои дунё ба муассисаҳои таълимӣ имтиёзҳои андозӣ дода мешаванд, ки ин ба рушди соҳаи ҳаётан зарури маориф боис гаштааст. Ба андешаи муаллиф, дар ин самт низ бояд ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар баробари соҳаҳои сайёҳӣ, кишоварзӣ, тиб, парандапарварӣ, моҳипарварӣ, нақлиёт ва ғайраҳо имтиёзи андозӣ дода шавад, зеро маориф соҳаи калидии ташаккул ва рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар ба ҳисоб меравад(саҳ.44-60).

- бо дарназардошти ба инобат гирифтани таҷрибаи кишварҳои тараққикарда ва аҳамияти иҷтимоӣ доштани он дар диссертатсия татбиқи озод намудани муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз андоз аз арзиши иловашуда зарурат ҳисобида шудааст.Ҳамчунин вазъи кунунии раванди фаъолияти МТОК, аллахусус нишондиҳандаҳои асосӣ, вазъи андозбандии фаъолияти онҳо мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, танзиму такмилидиҳии низоми андозбандӣ, асоснок намудани имтиёзҳои андозӣ ва роҳҳои татбиқи онҳо, мушкилоту

омилҳои таъсиррасон ба он баҳодиҳию натиҷагирӣ карда шудааст(саҳ. 62-111).

- амсиласозии иқтисодӣ – математикӣ зери таъсири муайяни омилҳо гузаронидашуда, дар чаҳорчӯбаи он тавсияҳои илмии низоми андозбандии МТОК ва опитималикунонии низоми андозбандӣ пешниҳод шудааст. Ҳамзамон самтҳои асосии такмили механизми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян гардида, раванди банақшагирии пардохти андозҳо, имтиёзҳои андозбандӣ ва роҳҳои мукаммалгардонии он дар шароити муосири иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шудааст(саҳ.112-150).

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**

- муаллиф дар асоси омӯзиши ақидаҳои олимони соҳавӣ оид ба мафҳумҳои «андоз», «танзими андоз», моҳияти иқтисодиву иҷтимоии андозҳо, низоми андозӣ, мазмуни андозситонӣ, усулҳо, вазифаҳои асосии ташаккул ва танзими низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз нуктаи назари муаллифӣ баён намудааст;

- таҷрибаи ҳамаҷонибаи давлатҳои пешоҳанг, ки дар онҳо низоми маориф махсусан, фаъолияти МТОК афзалияти аввалиндараҷа доранд омӯхта ва дар асоси нишондиҳандаҳои воқеии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тарзу усулҳои таҳлили иқтисодӣ-риёзӣ, муқоисавӣ, миқдорию сифатӣ гузаронида шудааст

- ба вазъи воқеии низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дар ин асос таҳия ва татбиқи амсилаи иқтисодию математикӣ барои ҳамоҳангсозии омилҳои асосии таъсиррасон ба низоми андозбандии МТОК ва самтҳои такмилу танзими он баҳо дода шудааст.

- аз ҷониби муаллиф самтҳои асосии такмили механизми андозбандии МТОК, раванди банақшагирии пардохти андозҳо, имтиёзҳои андозбандӣ ва роҳҳои мукаммалгардонии он дар шароити муосири иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

**4.Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Асоснокии хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда дар диссертатсия, инчунин сатҳи баланди илмии онҳо шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф аз адабиёти илмии муосир, ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷӣ дар самти такмили низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир эҷодкорона ва интиқодӣ баҳра гирифтааст. Ҳамзамон, дар асоси натиҷаҳои таҷрибаҳои амалӣ ва таҳлили оморӣ, муаллиф бо роҳи татбиқи методологияҳои гуногуни таҳқиқотӣ, аз ҷумла, усули муқоисавӣ, ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқотиро пурра амалӣ намудааст. Дар маҷмӯъ, робита байни нуқтаи назари назариявӣ ва натиҷаҳои эмпирикӣ бо риояи меъёрҳои этикии таҳқиқотӣ ва талаботи стандартӣ пурра кафолат дода шудааст, ки ин ба сатҳи баланди илмии диссертатсия ва қобилияти татбиқи амалӣ ва стратегӣ пешниҳодот таъсири маҷмӯъан устувор мебахшад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Аз ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо бармеояд, тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостнамудааш мутобиқат менамояд. Мавзуъ ва ихтисоси довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба талаботи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он инъикос меёбад, ки марҳилаҳои татбиқи нақшаи таҳқиқоти илмӣ аз интихоби мавзӯъ ва асосноккунии он то муайян сохтани мақсад, вазифаҳо ва арзёбии аҳамияти онҳо - бо иштироки бевоситаи унвонҷӯ тарҳрезӣ гардидаанд.

Тавсияҳои дар кори илмӣ пешниҳодгардида метавонанд ҳангоми такмил ва татбиқи сиёсати андозӣ, инчунин дар оянда бо мақсади такмили қонунгузории андоз, махсусан дар самти андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳамзамон дар таҳияи лексияҳо барои донишомӯзони риштаи иқтисод мавриди истифода қарор дода шаванд.

**5. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**

Сохтори кори диссертатсионии мазкур аз рӯйи таркиби худ мантиқан дуруст ташаккул дода шудааст. Диссертатсия дар ҳаҷми 173 саҳифаи чопи компютерӣ навишта шуда, аз сарсухан, се боб, хулоса ва пешниҳодот, руйхати сарчашмаҳои иттилоот ва адабиёт таркиб ёфтааст. Кори диссерататсионӣ 6 диаграмма, 16 ҷадвал ва 11 расмро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 130 номгуй иборат мебошад.

Дар муқаддимаи кор мубрамии мавзуи диссертатсия, дараҷаи таҳқиқи илмии он асоснок карда шуда, робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзуъҳои илмӣ асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объекту матлаби таҳқиқот асоснок кардани ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот матраҳ гардидаанд, фарзияи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, интишорот аз руйи мавзуи диссертатсия, ҳамчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шудааст (саҳ 4-14) .

**Дар боби якуми диссертатсия** – «Асосҳои илмӣ-назариявии андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир» ташаккули низоми андоз ва андозбандӣ дар Тоҷикистон, асосҳои методии андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир, мушкилоти танзим ва механизми андозбандӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян шудаанд (саҳ 15-61). Муаллиф зикр менамояд, ки мутобиқи ақидаҳои муҳаққиқони муосир ва классикӣ хулоса намудан бомаврид аст, ки андоз категорияи молиявию иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, дар давраҳои гуногуни таърихӣ аввалан шакли молиро соҳиб буда, сипас ба шакли пулӣ ифода ёфта, хусусияти ҳатмии бебозгашт дошта, даромадҳои давлатро ташкил намуда, аз ҷониби аҳолӣ, соҳибкорон ва шахсони ҳуқуқӣ пардохт карда мешавад (саҳ.26).

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки низоми кунунии андоз дар Тоҷикистон ба ташаккули гурӯҳи андозсупорандагоне мусоидат менамояд, ки аз андозбандӣ даргурезанд ва манбаъҳои худро ба бахши иқтисоди пинҳонӣ нигоҳ медоранд. Бинобар ин, содагардонии идоракунии андозбандӣ ба коҳиши сарбории андозҳои фаъолияти соҳибкорӣ, рушди фаъолият тавассути беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасониҳо ва тадриҷан баромадан аз иқтисоди

пинҳонӣ ба қонунӣ заминасозӣ намуда, дар навбати худ яке аз воситаҳои муҳимми тараққиёти иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб дониста мешаванд. Такмили низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ хеле муҳим аст, зеро дар аксари кишварҳои пасошуравӣ моликияти муассасаҳои маориф ғайридавлатӣ карда шудааст. Дар ин сурат, маблағи буҷет ба самтҳои иҷтимову иқтисодии муҳиммиятдошта равона мегардад.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки дар фазои имрӯзаи фаъолияти муассиаҳои таҳсилоти олии касбӣ аксарияти донишгоҳу донишкадаҳои олии кишвар барои озод гардидан аз андоз аз арзиши иловашуда тамоми тадбирҳоро андешида, аз маблағгузории буҷетӣ ҳатто барои як гурӯҳи таълимӣ ва ё як ихтисоси алоҳида фаъолияти худро аз пардохти андози номбурда озод намудаанд.

**Дар боби дуюми диссертатсия** – «Баҳодиҳии иқтидори иҷтимоӣ-иқтисодии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳлили андозбандии онҳо» таҳлили ҳолати кунунӣ ва раванди андозсупории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳамзамон омилҳои таъсиррасон ба андозбандии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва истифодаи таҷрибаи хориҷии андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст(саҳ.62-111). Дар раванди таҳқиқот ва омӯзиши вазъи имрӯза маълум кардааст, ки омилҳои мухталиф ба рушди соҳаи алоҳида таъсир мерасонанд ва онҳоро ба инобат гирифта, таъсири бевоситаи омилҳоро ба тараққиёти соҳаи молия муайян кардан мумкин зарур аст. Ба ақидаи муаллифи диссертатсия ҳангоми муайян намудани сохтори таркибии рушди соҳаи маориф ва арзёбии соҳаҳои асосии иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳатман ба инобат гирифта шаванд.

Мусаллам аст, ки барои боз ҳам рушд ёфтани соҳаи маориф ва афзоиш додани вазни қиёсии маблағгузории он нисбати хароҷоти буҷети давлатӣ ва ММД ва ба стандартҳои байналмилалӣ расонидани онҳо, боз ҳам шароиту имкониятҳо мавҷуданд, ки онҳоро дар оянда бояд хубтар истифода бурд.

Аз ин ҷо хулоса кардан мумкин аст, ки барномаю стратегияҳои давлатии рушди соҳаи маориф дар солҳои минбаъда афзоиш ёфтани маблағгузории соҳа пешбинӣ карда шудааст, ки метавон итминони комил ҳосил намуд, ки бобаробари ба роҳ мондани шарикии давлату сектори хусусӣ ин нишондиҳандаҳо тақвияти худро пайдо менамоянд (саҳ 66).

Бояд зикр намуд, ки ҳоло тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои худмаблағгузори соҳаи маориф андозро аз объектҳои ғайриманқул ҳамчун соҳаи хизматрасонӣ дар андозаи то 18% аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои ҳар як метри мураббаи масоҳати ҳамаи биноҳои худ пардохт менамоянд, ки дар маҷмуъ метавонад он маблағҳои калонро ташкил намояд. Мусаллам аст, ки муассисаҳои таҳсилотӣ асосан аз биною синфхонаҳои зиёд барои фаъолияти худ истифода мебаранд, ки ҳисоб намудани андоз аз ҳамаи масоҳати чунин муассисаҳо маблағҳои хело зиёдро ташкил намуда, гаронии андозро барои онҳо меафзояд.

**Дар боби сеюми диссертатсия** – «Самтҳои мукаммалгардонии механизми андозбандии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» самтҳои асосии такмилдиҳии низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, имтиёзҳои андозбандӣ ҳангоми татбиқи такмили механизми он дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва мувофиққунонии (оптималикунонии) низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳия карда шудааст(саҳ.112-153).

Ҳангоми таҳқиқи мавзуъ муаллиф вазъу ҳолати воридшавии андози иҷтимоиро дар маҷмуи он андозҳое, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пардохт менамоянд, баъд аз андоз аз даромад (74%) дар ҷойи дуюм қарор гирифта, вазни он 10,1 фоизро ташкил менамояд, ки гаронии ин намуди андоз равшан мушоҳида мегардад. Илова бар ин, моддаи 332-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки меъёри андози иҷтимоиро муқаррар менамояд, нисбат ба як объект ду маротиба маблағи андозӣ аз манбаи андоз ситонида мешавад. Дар ин амал суғуртакунандагон-муассисаҳои худмаблағгузори соҳаи маориф аз фонди музди меҳнат (20 фоиз) ва суғурташавандагон аз музди

меҳнат (2%) ба ҳисоби суғуртаи иҷтимоӣ малбағи зиёде масраф менамоянд, ки дар натиҷа суғуртакунандагон аз гаронии бори андозӣ объекти андозро пинҳон нигоҳ медоранд (саҳ.119) Муаллиф дуруст зикр менамояд, ки дар фазои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 48 адад донишгоҳу донишкадаҳои олӣ фаъолият намуда истодаанд, ки аз нигоҳи мо шумораи онҳо вобаста ба шароити имрӯзаи иҷтимоиву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон хело зиёд буда, ба сатҳу сифати таҳсил таъсири худро мерасонад.

Дар хулоса, натиҷаҳои асосии диссертатсия, пешниҳодҳо ва тавсияҳо оид масъалаи муҳокимагардида татбиқи он дар амалия оварда шудааст(саҳ 154-159).

**6.Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи он**. Таҳлили муҳтавои диссертатсия нишон медиҳад, ки арзиши илмии ин таҳқиқот фарогир ва асосан аз асосноккунии назариявӣ ва коркарди методии такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ бармеояд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз рушди асосҳои назариявию методологии ташкилнамоии музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии кормандон иборат буда, тавассути имкони истифодаи натиҷаҳои он дар фаъолияти корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ муайян мегардад. Натиҷаҳои ба дастомада имкон медиҳанд, ки дониши назариявию методӣ дар самти таъмини фаъолияти самараноки корхонаҳои соҳаи нақлиёти автомобилӣ дар маҷмуъ амиқ ва фарохтар гардад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар коркарди услуби арзёбии ҳамаҷонибаи самаранокии меҳнати корманд ва муайян кардани меъёрҳои тарифӣ дар якҷояги бо миқёси музди меҳнат мебошад, ки афзоиши ҳавасмандии самаранокии меҳнатро вобаста ба имкониятҳои молиявии корхонаи мушаххаси хизматрасонии нақлиётӣ таъмин менамояд.

Аҳаммияти амалӣ ва иқтисодии натиҷаҳои диссертатсия дар он зоҳир мегардад, натиҷаҳои диссертатсия тавассути он арзёбӣ мешаванд, ки принсипҳо ва пешниҳодоти таҳиякардашуда метавонанд дар таҳия ва амалӣ намудани стратегияи миллии рушди бозори меҳнат истифода шаванд.

Тавсияҳои муаллиф оид ба ташкил ва васеъкунии инфрасохтори соҳаи нақлиёт, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи амалӣ пайдо карда метавонад.

Аз ҷиҳати иҷтимоӣ, татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот метавонад ба такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ, коҳиши сатҳи бекорӣ дар минтақаҳо, баландшавии даромади аҳолӣ ва тақвияти рушди устувор мусоидат намояд. Ғайр аз ин, дастгирии мақомоти маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ бо тақвияти механизмҳои ҳавасмандгардонӣ ва беҳтар намудани сатҳи зиндагӣ фазои мусоиди иҷтимоӣ ва иқтисодиро фароҳам меоварад.

Натиҷаҳо ва тавсияҳои ба дастомадаи таҳқиқотро барои такмил додани равандҳои идоракунии музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии коргарон дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ ва бо тағйиротҳои зарурӣ дар корхонаҳои соҳаҳои дигари иқтисод ва ҳамчун асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқоти амиқ оид ба ин масъала метавон истифода бурд.

Натиҷаҳои асосӣ, методологияи таҳияшуда ва чорабиниҳои таҳқиқоти гузаронидашуда дар як қатор корхонаҳои шаклҳои гуногуни нақлиёти автомобилӣ санҷида шуданд. Аз ҷумла, методологияи арзёбии ҳамаҷонибаи самаранокии кормандон дар корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон озмуда шуд, ки ин имконияти коркарди маҷмӯи амалии марҳилаҳои асосии татбиқи онро, ки ҳамчун маводи ба истифода омода дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ ба ҳисоб меравад.

**7.Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Интишороти муаллиф нуктаҳои асосӣ, навгониҳо, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия дарҷгардидаро фарогир буда, дар маҷмуъ аз рӯйи мавзуи диссертатсия 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 10 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**8.Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссия.** Диссертатсияи Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) (минбаъд-Тартиб)

ҷавобгӯй мебошад. Муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссия аз 31 марти соли 2022, № 3) таҳия гардида, ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

Новобаста аз он ки пурра ҷанбаҳои мусбати кори тақризшавандаро зикр намудем, баъзе камбудиҳои алоҳидаи онро низ қайд кардан лозим аст, ба монанди:

1. Муаллиф қайд кардааст(саҳ.29), ки андозҳо ҳамчун унсури муҳимми сиёсати молиявии давлат дар шароити имрӯза баромад мекунанд ва фаъолияти онҳо бояд дар асоси принсипҳои муайяншуда ба роҳ монда шаванд, аммо принсипҳоро мушаххас дарҷ накардааст;

2. Дар диссертатсия мафҳуми андозбандӣ, андозситонӣ ва андозӣ истифода шудааст, ба манфияти кор мебуд агар яке аз онҳоро истифода мекард;

3. Ба андешаи муаллиф ҷузъиёти маъмурикунонии андозбандӣ муассисаҳоро бидуни озод кардани татбиқи имтиёзҳо дар ҳолати душвор қарор медиҳад(саҳ.86), фикри муҳаққиқ асоснок карда нашудааст;

4. Дар таҳқиқот ҳангоми муайянсозии самтҳои асосиии такмилдиҳии танзими андозбандӣ (расми 3.1., саҳ.122) муаллиф натиҷагирӣ накардааст, ки татбиқи ин самтҳо чӣ манфият медиҳанд.

5. Муаллиф зикр менамояд, ки марҳилаи гузариш ба иқтисоди бозорӣ дар мамлакатамон нақши банақшагириро паст намуд. Ин дар ҳолест, ки дар кишварҳои мутараққӣ банақшагирӣ дар ҳамаи сатҳҳо, чӣ давлатӣ ва чӣ

субъектҳои ғайридавлатӣ рушди комилро сазовор гаштааст (саҳ 152.). Фикри муаллиф асоснок карда нашудааст.

Таъкид кардан зарур аст, ки норасоиҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, дараҷаи мусбати диссертатсияро паст намекунанд.

**Мутобиқатии автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсияи илмӣ.** Автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи унвонҷӯ мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошад ва ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, корҳои интишоркардаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия баёнгардидаро дар худ инъикос мекунад.

**Хулосаи ҷамбастӣ оид ба сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо дар мавзуи «Такмили низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба бандҳои 32, 33, 34, 35 ва 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) тасдиқшуда ҷавобгӯ буда, дар сатҳи зарурии илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаҳои мубрами илмӣ ҳалли худро ёфтаанд ва муаллифи он Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти банди 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ Исматзода А.Ф. муаллими калони кафедраи андоз ва андозбании Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи кафедараи андоз ва андозбанбии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (суратҷаласаи №07 аз 04.02.2026 с.).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 10 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 10 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи андоз ва андозбандии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон н.и.и., дотсент Гулов Ш.М.

Ташхисгар:
н.и.и., муаллими калони кафедраи
андоз ва андозбандии Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Исматзода А.Ф.

Котиби ҷаласа: муаллими калони кафедраи
андоз ва андозбандии Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Ҷураева М.Н.

Имзоҳои Гулов Ш.М., Исматзода А.Ф. ва Ҷураева М.Н. - ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.

**Суроғаи муассиса:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
Телефон: (+992) 37 221 77 11
E-mail: info@mo.tnu.tj.